

# ШИНОСНОМАИ
# ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Вилояти Хатлон дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳудуди он 24,8 ҳазор $км^2$-ро  ташкил медиҳад, ки ба 17 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст.

Вилоят дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб ба масофаи 103 км. бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб ба масофаи 420 км. бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст.

Вилоят аз рӯи сатҳи табиӣ мавзеи кӯҳсор ва иқлимаш хушк ба ҳисоб рафта, ҳарорат дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва зимистон то -20 дараҷа хунук мешавад.

Аз рӯи тақсимоти марзиву ҳудудӣ вилоят ба 21 ноҳия, 4 шаҳр, 21 шаҳрак ва 133  деҳот тақсим мешавад.

Дарёҳои асосӣ: Амударё (Окс) -Панҷ дарозиаш 921 км., Вахш -254 км., Сурхоб (ҷанубӣ) -230 км., Оқсу -160 км., мебошанд. Обанборҳои калонтарини вилоят Мӯъминобод (сатҳаш 3,4 км.кв., ҳаҷмаш 25 млн. метри мураббаъ), Норак (сатҳаш 106,0 км.кв., ҳаҷмаш 10500 млн. метри мураббаъ) ва Селбури  ноҳияи  Восеъ мебошанд. Вилоят аз кӯлҳо бой буда, сатҳи умумии обҳои онҳо 109,4 км. квадратиро ташкил менамояд.

**Аҳолӣ**

Аҳолии вилоят ба 1 ноябри соли 2015 -ум 3032300 нафарро ташкил додааст, ки бо ҳисоби миёна ба майдони 1 $км^2$ 123,2 нафар рост меояд.




## МИЛЛАТҲО

Дар вилоят 62 миллат ва халқиятҳо, аксар тоҷикҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо ва русҳо зиндагӣ мекунанд.

Шумораи аҳолии шаҳрҳо 571200 нафар
аҳолии деҳот 2461100 нафар
мардон 1525200 нафар
занон 1507100 нафар